# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи доктории Калонова Маҳина Ҷумабоевна дар мавзуи «Пажуҳиши луғавӣ - маъноӣ ва сохтории вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ**

Мавзуи мавриди таҳқиқ қароргирифта **мубрам буда, муҳиммияти он,** пеш аз ҳама, дар он зоҳир гаштааст, ки дар илми забоншиносии тоҷик бори нахуст мавриди омӯзишу баррасии илмӣ қарор гирифтааст.

Автореферати диссертатсияи доктории Калонова Маҳина Ҷумабоевна, ки ба таҳқиқи сохтор ва маънои вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ) бахшида шудааст, дорои **дастгоҳи хуби илмӣ ва равишҳои муосири таҳқиқ**и забоншиносӣ буда, баҳсу баррасии мавзуъ барои ошноӣ ба ҳамин масъала мусоидат хоҳад кард.

Калимасозӣ ҳодисаи басо мураккаб буда, ошкор сохтани қонунҳои он ба таҳлили дурусти шарҳи илмии сохтори калима ёрӣ мерасонад. Калимасозӣ ва таҳлили сарфии калима ба ҳам вобастагии зич доранд. Бинобар ин, чӣ тавре ки худи диссертант гуфтааст: «Таҳлил ва таҳқиқи калимасозӣ бо муайян намудани ҷузъҳои калима хотима намеёбад. Ин зинаи якуми таҳлили калимасозист, он тақозо мекунад, ки восита ва тарзҳои васлшавӣ, муносибат ва мавқеи ҷузъҳои калима, инчунин, қолиби калимасозии он муайян карда шавад» (автореферат, с.3.)

Яке аз масоили мубрами таҳқиқоти муосири илми забоншиносӣ мутобиқати мавзуи таҳқиқшаванда бо шиносномаи ихтисоси илмист. Дар ҳамин замина, мавриди қайд аст, ки мавзуи ба риштаи таҳқиққашидаи Калонова М.Ҷ. ба самти забоншиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 - Забони тоҷикӣ, пурра **мувофиқат мекунад.**

**Асосҳои методологии таҳқикро** равишҳои муосир ва назариявии муқоисавӣ-таҳлилӣ ва муқоисавӣ-оморӣ ташкил дода, **нававарии илмии диссертатсия** дар он аст, ки вижагиҳои сохторӣ ва маъноии вожагони ашъори шоирони асри XIV дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Хусусан, то ба имрӯз дар забоншиносии тоҷик вижагиҳои сохторӣ ва маъноии вожагони ашъори Салмони Соваҷӣ, умуман, ба риштаи таҳқиқ кашида нашудаанд. Дар ин масъала, ҳатто, як мақола ҳам ба назар намерасад.

Маводди диссертатсия барои таҳқиқи минбаъдаи вижагиҳои сохтории ашъори шоирони дигар мусоидат хоҳад кард. **Моҳияти илмии диссертатсия** аз омӯзишу таҳқиқи мавзуи мубрами забоншиносӣ – вижагиҳои сохторӣ, хусусан, калимасозии сарфии исмҳо (вандҳои сермаҳсул, каммаҳсул, бемаҳсул), исмҳои мураккаби пайвасту тобеъ, хусусиятҳои луғавӣ (мақоми калимаҳои асливу иқтибосӣ) иборат аст.

Маълумоти таҳқиқи мазкур дақиқ буда, ҳаҷми маводди он ба талаботи пешбинишуда мувофиқ аст. Довталаби дараҷаи илмӣ аз ҷадвал ва таблитсаҳо

хуб истифода кардааст. Равишҳои интихобшудаи таҳқиқ муосир, саҳеҳ ва назариявӣ буда, усулҳои таҳқиқи як қатор олимони маъруфи забоншиноси тоҷик низ ба роҳбарӣ гирифта шудааст. Бо дарназардошти нукоти мазкур метавон дараҷаи **эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ**ро хуб арзёбӣ кард.

**Хулоса** асоснок, илмӣ ва ифодакунандаи дурнамои мавзуи таҳқиқӣ буда, **тавсияҳо** сариваќтӣ ва амалишавандаанд.

**Саҳми шахсии муаллиф** дар маводди интишоргардида инъикос ёфта, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мушаххас карда шудаанд. Калонова М.Ҷ. доир ба мавзуи таҳқиқ 31 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 16 мақола дар маҷаллаҳои тақризи шавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст, ки ин нукта далели муаррифии комили мавзуъ аз ҷониби муҳаққиқ аст.

**Сохтори диссертатсия**и доктории Калонова М.Ҷ. низ ба талабот ҷавобгӯ буда, аз муқаддима, 3 боб, 53 фаслу зерфасл, 2 замима, 7 ҷадвал, хулоса (27 банд), тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва феҳристи нашри таълифоти илмӣ иборат аст.

Дар баробари ҳамаи муваффақиятҳо дар автореферати диссертатсия баъзе нуқсонҳо ба назар мерасанд, ки инҳоянд:

1. Калонова М. Ҷ. дар қисми дараҷаи омӯзиши ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ дар баробари забоншиносон, аз таҳқиқоти адабиётшиносон низ ном мебарад, ки ба андешаи мо, зикри таҳқиқоти забоншиносон кифоя аст (автореферат, саҳ. 6, 8, 9).
2. Дар боби сеюми автореферати диссертатсия диссертант танҳо бо таҳқиқи исм иктифо кардааст, ки омӯзиши дигар ҳиссаҳои нутқ низ ба манфиати илми забоншиносӣ хоҳад буд (автореферат, саҳ. 36-49).

Дар маҷмуъ, нуқсонҳои фавқуззикр арзиши илмии кори таҳқиқии Калонова Маҳина Ҷумабоевнаро ба ҳеҷ ваҷҳ коста намекунанд.

Хулоса, диссертатсияи доктории **Калонова Маҳина Ҷумабоевна** дар мавзуи **«Пажуҳиши луғавӣ - маъноӣ ва сохтории вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ)»** ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (тағйирот бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, № 295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз **рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ** сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои филологӣ,
ректори Филиали Донишкадаи
рушди менеҷменти Сингапур
дар шаҳри Душанбе Мухторов Зайнидин Мухторович

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33,
Тел.: (+992) 907 80 18 22; E-mail: mukhtorov67@gmail.com
12 апрели соли 2024